


# Арзёбии ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон

Июни соли 2022

Ин арзёбӣ баҳодиҳии ҳамаҷониба ва мустақили ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушд, ки солҳои 2014-2020 дарбар мегирад. Мақсади он муайян намудани дарсҳои асосӣ ва мухтасар ифода намудани тавсияҳо барои такмили стратегияҳо, барномаҳо ва амалӣ намудани чорабиниҳои кунунӣ ва оянда мебошад.

Арзёбӣ хусусан ба самтҳои афзалиятноки фаъолияте, ки дар Барномаи бисёрсолаи индикативӣ (ББИ) барои солҳои 2014-2020 муайян шудаанд - рушди деҳот, тандурустӣ ва маориф - нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, фарогирии мавзӯӣ танҳо бо ин се бахш маҳдуд намешавад. Он инчунин дастгирии ба COVID-19 алоқамандро барои коҳиш додани таъсири пандемия ва инчунин масъалаҳои фарогир, ба монанди ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, бӯҳрони иқлим ва масъалаҳои муҳити зист ва ҳассосияти низоъро дарбар мегирад.

## Ҳамкории ИА бо мақсади рушд

Ҳамкориҳои ИА бо Тоҷикистонро аз ҳамкориҳои минтақавии ИА дар Осиёи Марказӣ ҷудо кардан мумкин нест. Мавқеъи геополитикӣ ва нақши он дар амният ва суботи минтақавӣ манфиатҳои асосии ИА ва кишварҳои аъзои ИА ба ҳисоб меравад. ИА ва Тоҷикистон муносибатҳои дерина доранд, ки ба манфиатҳои қавии тарафайн асос ёфта, дар асоси Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (СШҲ), ки соли 2004 ба имзо расида, соли 2010 эътибор пайдо кардааст, роҳнамоӣ карда мешаванд. ИА яке аз донорҳои камшуморест, ки кишварро дар амалӣ намудани ниятҳои он оиди бунёд намудани институтҳои демократӣ ва таҳкими иқтисоди бозорӣ фаъолона дастгирӣ мекунад. ИА ва кишварҳои аъзои он (КА ИА) ба Тоҷикистон 40% аз ҳаҷми умумии кӯмаки ҷаҳонӣ барои рушд пешниҳод менамоянд.

## Равиши методологӣ

Арзёбӣ ба равиши усулҳои омехта асос ёфтааст, аз ҷумла ҳам абзорҳову усулҳои миқдорӣ, ҳам сифатӣ. Барои триангулятсияи[1] иттилооти ҷамъоваришуда якчанд манбаъҳо мунтазам истифода бурда шудаанд. Дар маҷмӯъ, зиёда аз 2000 ҳуҷҷат аз назар гузаронида шуда, ба 12 чорабинии лоиҳавӣ дар се ноҳия ташриф оварда шуд ва бо зиёда аз 100 нафар мусоҳибон пурсиш гузаронида шуд.

## Рақамҳои асосӣ / ББИ 2014-2020

**Маблағи шартномавӣ барои як бахш** (миллион евро)




**Маблағи шартномавӣ барои як восита** (миллион евро)




**Маблағи шартномавӣ барои як канал** (миллион евро)




Ҳангоми гузаронидани арзёбӣ пандемияи COVID-19 мушкилоти иловагӣ эҷод кардааст. Аммо гурӯҳи арзёбӣ бар ин ақида аст, ки он ба сифати маълумоти ҷамъовардашуда таъсири ҷиддӣ нарасондааст. Муҳимтарин маҳдудият ин дастрасӣ ба маълумоти боэътимоди омории бахшҳои тандурустӣ ва маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

[1] Андозагирии як нишондиҳанда бо истифода аз ҳадди ақал се усул бо мақсади мустақилона тасдиқ кардани натиҷаҳо.

# Хулосаҳо

## Нақшаи дастгирии ИА

### Х1 – Мувофиқатии дастгирӣ

Дастгирии ИА ба Тоҷикистон бо пайвастагӣ ва бо назардошти ҷиҳатҳои мусбат ва манфии фаъолияти гузаштаи ИА дар ин кишвар тавсиф ёфта буд.

↑ Лоиҳаҳо дар тамоми бахшҳо, дастгирии буҷетӣ ва усули омехтаи маблағгузорӣ бо стратегияҳои давлатии дахлдори миллӣ ва соҳавӣ ва нақшаҳои рушд пурра мувофиқат карда шуда буданд.

↑ Банақшагирӣ бо Ҳукумат ва мақомотҳои дахлдори он, инчунин шарикони ҳамфикри рушд муҳокимаҳои калонмиқёсро дарбар мегирифт.

↓ Робита байни i) дастгирии дуҷониба ва минтақавӣ ва ii) ҳамкорӣ бо мақсади рушд ва ғайри-рушд (махсусан, СУИ+ ва рушди деҳот), ба таври кофӣ такмил дода шуда набуд.

↓ Хати байни биниши дарозмуддати тағйирот ва ҳадафҳои ноил шудан ба ин тағйирот то андозае норавшан буд.

### Х2 – Мутобиқшавӣ ба шартҳои тағйирёбанда

Дар давраи арзёбӣ Тоҷикистон асосан мӯътадил боқӣ монд ва аз ин рӯ, зарурати сиёсӣ барои тағйир додани самти умумӣ ва самти дастгирии ИА вуҷуд надошт.

↑ Ҳар вақте ки чорабиниҳои омилҳои дохилӣ ва беруна пешбинии чораҳоро барои мутобиқшавӣ (масалан, пандемияи COVID-19) талаб мекарданд, ИА ва шарикони иҷрокунандаи он одатан ин вазифаро ба таври муассир, натиҷабахш ва шаффоф ва бо машварат ва ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор иҷро мекарданд.

### Х3 – Муҳимият, самарабахшӣ ва афзалиятҳои имконпазири усулҳои гуногуни маблағгузорӣ

Ҳар се усулҳои маблағгузорӣ – лоиҳаҳо, дастгирии буҷетӣ ва маблағгузории омехта – арзиши худро исбот карданд. Аммо дар сатҳи кишвар таҳлили ҳамаҷонибаи стратегии бартариятҳо ва камбудиҳои ин усулҳо гузаронида нашудааст.

↑ Дар бахши маориф кӯмаки техникӣ аз дастгирии буҷетӣ афзалтар дониста шуд, зеро шахсони масъул ба мувофиқае расиданд, ки Тоҷикистон ҳанӯз барои дастгирии буҷетӣ дар соҳаи маориф омода нест.

↑ Таъсири ҷалби маблағҳои карзӣ бо усули маблағгузории омехта дар бахши рушди деҳот ва лоиҳаҳои энергетикӣ эътирознопазир аст.

↓ Ҳарчанд на ҳама ҷонибҳои манфиатдор оид ба масъалаи таъхири пардохтҳои дастгирии буҷетӣ дар соҳаи тандурустӣ розӣ шуда буданд, сабабҳои ин қарор ба таври шаффоф шарҳ ва баён карда шуданд.

↓ Чорабиниҳо дар тамоми бахшҳо ба таъхир афтоданд, ки баъзеи онҳо назаррас буданд.

*Бозори Меҳргон дар Душанбе*



# Хулосаҳо

## Таъсири дастгирии ИА

### Х4 – Ноил шудан ба сатҳи натиҷаҳои миёнӣ

Дастгирии ИА дар тамоми бахшҳо ба натиҷаҳои назаррас оварда, ба манфиати тамоми кишвар мусоидат кард.

↑ Дар солҳои охир таҳаввулоти нақшаҳои рушди соҳа ва ҳуҷҷатҳои марбут ба чорабиниҳо, дар давраи арзёбӣ, аз таҳкими тадриҷии сиёсати тандурустӣ, маориф ва рушди деҳот шаҳодат медиҳад.

↑ Сарфи назар аз баъзе таъхирҳо дар табдил додани сиёсат ба қонуну ҳуҷҷатҳои танзимкунанда, дар татбиқи стратегияҳо ва нақшаҳои рушд, инчунин буҷетҳои дахлдор пешрафтҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

↓ Гарчанде, ки ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдори ҷомеаи шаҳрвандӣ афзоиш ёфт, таҳкими иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври муназзам ва ҳамаҷониба ба даст наомад.

↓ Масъалаи тиҷорат, ки он танҳо тавассути ҳамкориҳои минтақавии ИА бо Осиёи Марказӣ дастгирӣ карда мешуд, нишон медиҳад, ки ИА, барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои боздеҳи назаррас кӯшиш намуд, аммо дар ниҳоят муваффақ нашуд.

### Х5 – Ноил шудан ба сатҳҳои натиҷаҳои ниҳоӣ ва таъсир

Гарчанде, ки чорабиниҳои аз ҷониби ИА дастгириёфта дар саросари ҷаҳон натиҷаҳо ва таъсироти фосилавиро беҳтар кардаанд, онҳо ин корро бо дараҷаҳои хело гуногун анҷом додаанд.

↑ ИА дар ташкили равишҳои умуминизомӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ташаккули босифати таҳсилоти миёна ва ТТИК, ки ба салоҳият асос ёфтааст, инчунин дар беҳтар намудани шароити зиндагӣ ба пешрафти назаррас ноил шудааст.

↓ Мушкилот нисбати Идоракунии молияи давлатӣ (ИМД), савдо, баробарии гендерӣ ва ҳассосияти низоъ боқӣ мемонанд.

↓ ИА барои таҳкими ҷанбаи гендерии дастгирии худ кӯшишҳои шоиста ба харҷ дод, аммо ҷанбаи гендерӣ дар стратегияҳо ва нақшаҳои ҳукумат ҳамчун ҷанбаи нокифоя таҳияшуда боқӣ монд.

### Х6 – Нақши муколамаи сиёсӣ дар роҳи расидан ба натиҷаҳо

Муколамаҳои сиёсии соҳавӣ барои ба даст овардани натиҷаҳо дар тамоми соҳаҳо нақши муҳим бозиданд.

↑ Муколамаи ҳуқуқи инсон байни ИА ва Тоҷикистон, ки майдони асосии муколамаи сиёсии сатҳи баланди дуҷониба мебошад, аз чаҳорчӯби сирф рамзӣ берун баромада, ба ислоҳот ва тағйироти қонунгузорӣ шурӯъ кардааст.

↓ Ба самаранокии муколамаи сиёсӣ то андозае сатҳи пасти таваҷҷӯҳ ва ҷалби ҳукумат монеа шуд.

↓ Ба муколамаи сиёсат инчунин он сабаб монеъ шуда буд, ки банақшагирии сиёсат аз раванди буҷет алоҳида баррасӣ мешавад ва ҳамеша бояд аз ҷониби Вазорати молия (ВМ) тасдиқ карда шавад.

## Шарикӣ

### Х7 – Ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ноил шудан ба ҳамоҳангӣ

ИА ҳамчун як ниҳоди бонуфуз ва муассир дониста мешавад, ки ҳам дар ҳамоҳангсозии донорҳо ва ҳукумати ҶТ, ва ҳам ҳамоҳангсозии байнидонорӣ дар се бахшҳои асосии ИА нақши қавӣ гузоштааст.

↑ Такони асосӣ барои мавқеъи ягонаи ИА, вокуниши «Тими Аврупо»[2] ба бӯҳрони COVID-19 буд.

↑ Намояндагии Иттиҳоди Аврупо (НИА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди хеле бонуфуз ва муассир обрӯ пайдо кардааст, ки ҳам дар ҳамоҳангсозии байни донорҳо ва ҳукумат ва ҳам байни худи донорҳо дар се бахши афзалиятноки ИА нақши қавӣ гузоштааст.

↓ Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии байни Раёсати шарикии байналмилалии Комиссияи Аврупо (DG INTPA) ва Хадамоти амалиёти хориҷии аврупоӣ (EEAS) оид ба барномаҳои мушаххаси мавзӯӣ бо шумораи ками мисолҳо маҳдуд карда шудааст, масалан, дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

↓ Ҳамкорӣ бо КА ИА (Олмон ва Фаронса) ва кишварҳои ҳамфикр, бахусус Швейцария ва Британиёи Кабир, дар баъзе таҳлилҳо ва таблиғоти муштарак зоҳир шуд, аммо на дар як равиши муштараки барномавӣ, ки бояд ҳамчун заифӣ дониста шавад.

[2] Тими Аврупо захираҳои рушди дастаҷамъии ИА, кишварҳои узв, аз ҷумла ниҳодҳои дахлдори молиявӣ ва иҷрокунандаи онҳо - Бонки сармоягузории Аврупо ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушдро муттаҳид мекунад.

# ТАВСИЯҲО

**Т1 – Қароргоҳи ИА ва Намояндагии ИА дар ҶТ бояд муносибати байни дастгирии i) дуҷониба ва минтақавӣ ва ii) ҳамкориҳои рушд ва ғайрирушдиро бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани мувофиқат ва ҳамоҳангӣ бештар ба таври дақиқ ва возеҳ баён кунанд.**

- Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки Барномаҳои солонаи амал (БСА) барои чорабиниҳои дахлдор мафҳум тартиб диҳанд ва муайян намоянд, ки чӣ гуна дастгирии сатҳи минтақавӣ ва ғайрирушд барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи рушд саҳм мегузорад ва баръакс.
- Хуб мешуд, ки агар кор аз барӯйхатгирии чорабиниҳои дахлдор дар ҳар як бахш оғоз шуда, сипас таҳлили муфассали стратегӣ гузаронида шавад, ки дастгирӣ дар сатҳҳои гуногун чӣ гуна ба ноил шудан ба ҳадафҳо мусоидат мекунад, баррасӣ шавад.



Деҳаи хурди Ҳисор

**Т2 – Қароргоҳи ИА ва Намояндагии ИА дар ҶТ бояд равиши стратегиро ба барномаи ҳамкории дуҷониба тавассути пайдарҳамии ҳадафҳо такмил диҳанд.**

- Гузоштани афзалият ва пайдарпаӣ барои таъмини роҳҳои равшан ва сохторбандии тағйирот, ки аз марҳалаҳои воқеан имконпазири пайваста ҳамдигарро пуркунанда иборатанд, муҳим ҳисобида мешавад.
- Шарҳи миёнамӯҳлати (ШММ) ББИ имкон медиҳад, ки равиши бо вақт маҳдудшударо, барои тасдиқ ва аз нав тавсия кардани ҳадафҳои мавҷуда ва илова кардани ҳадафҳои нав, ҷорӣ кунад.

**Т3 – Қароргоҳи ИА, НИА, КА ИА, Муассисаҳои молиявии байналхалқӣ (ММБ) ва Ҳукумати Тоҷикистон бояд якҷоя равишҳои дар асоси Назарияи тағйирот[3], барои дастгирии буҷетӣ ва усули маблағгузории омехта таҳия намоянд, ки меъёрҳо ва дурнамои дақиқи татбиқи ин усулҳоро муқаррар кунанд.**

- Таҳияи фаҳмиши дақиқи шарт ва меъёрҳое, ки ҳар як қарорро оид ба дастгирии буҷетӣ ва зиёд кардани истифодаи амалиёти омехта танзим мекунанд, мувофиқи мақсад хоҳад буд.
- Аз ин рӯ, ИА дар якҷоягӣ бо шарикон бояд гурӯҳи корӣ таъсис дода, роҳҳои дастгирии буҷетӣ ва татбиқи бештари амалиёти омехтаро таҳия ва муайян кунад.
- Беҳтар аз ҳама, муҳокимаҳо бояд ба Назарияҳои тағйирот асос ёбанд, ки занҷираҳои мантиқии интизориро аз боздеҳ то таъсир барои ин усулҳо равшан ва муайян мекунанд.

**Т4 – Қароргоҳи ИА, НИА, шарикони иҷрокунанда ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои вусъат додан ва татбиқи лоиҳаҳои таҷрибавӣ дар саросари кишвар равишҳои қавӣ таҳия кунанд ва ҳамин тавр, устувории дастгирии лоиҳаҳоро таъмин намоянд.**

- Намояндагии ИА дар ҶТ бояд дар мусоидат ба амалҳои ҳамоҳангшуда бо ҷалби, пеш аз ҳама, Ҳукумат ва инчунин шарикони иҷрокунанда, барои вусъат додани натиҷаҳои ниҳоӣ ва таъсири дастгирии лоиҳаҳои интихобшуда берун аз минтақаҳои таҷрибавӣ, диққати махсус диҳад.
- Лоиҳаҳои нав бояд танҳо дар сурате оғоз карда шаванд, ки агар онҳо иқтидори васеъкунӣ ва такрориро пешниҳод кунанд.

[3] Назарияи тағирот методологияи банақшагирӣ, иштирок, идоракунӣ ва арзёбӣ мебошад, ки робитаҳои сабабу оқибати ташаббусҳо ва натиҷаҳои кӯтоҳ, миёна ва дарозмуддати онҳоро тавсиф мекунад.

# ТАВСИЯҲО

**Т5 – Қароргоҳи ИА, НИА ва шарикони иҷрокунанда бояд кӯшишҳои худро барои ба таври мунтазам ҷорӣ намудани равиши гендерӣ ва ҳуқуқи инсон дар амалҳои аз ҷониби ИА дастгиришаванда пурзӯр намоянд ва барои таъмини мувофиқати дурусти масъалаҳои фарогир бо стратегияҳо ва нақшаҳои миллӣ ва саҳмгузорӣ дар татбиқи онҳо, муколамаи мувофиқро бо Ҳукумати Тоҷикистон тақвият бахшанд.**

- Равиши ҳамгирошудаи гендерӣ бояд аз расмиятчигӣ (яъне ба хотири зоҳир анҷом додашуда) берун баромада, ба татбиқи Стратегияи миллии гендерӣ (солҳои 2021-2025) мусоидат намояд. Ин ҳамкории зичтари лоиҳаҳо ва Ҳукумати ҶТ-ро оид ба масъалаҳои гендерӣ дар стратегияҳо ва нақшаҳои ислоҳоти соҳавӣ тақозо мекунад.
- Зарур аст, ки муносибати ба ҳуқуқ асосёфта дар ҳама амалҳо ҳарчи зудтар ҷорӣ карда шавад. Ҳадафҳои мушаххас, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои асосӣ ва ҳадафӣ, инчунин тартибу равишҳо барои ҳамгироии тамоми фаъолиятҳо бояд ҷорӣ карда шаванд.

**Т6 – Қароргоҳи ИА, НИА ва шарикони иҷрокунанда бояд дар саросари барномаи кишвар ба ҳассосияти низоъ равиши мунтазамро татбиқ намоянд. Ин талош бояд аз ҷониби КА ИА дастгирӣ карда шавад.**

Равишҳо барои таҳкими таваҷҷӯҳ ба амният ва суботи барномаи ҳамкорӣ бояд

- ҳамгироии пурраи ҳассосияти низоъро дар доираи барнома дар бар гиранд,
- аз шарикони иҷрокунанда талаб кунанд, ки тадқиқот бо таваҷҷӯҳ ба ҳассосияти низоъ дар марҳилаи аввали лоиҳаҳо гузаронида шаванд, аз ҷумла таҳлили низоъҳо ва муайян кардани ҷонибҳои манфиатдор,
- нишондиҳандаҳо ва чораҳои ҳассосияти низоъро ба ҳуҷҷатҳои чорабиниҳо ва матритсаҳои мантиқӣ ҳамгирой намоянд, инчунин
- оид ба ҳассосияти низоъ дар асоси мониторинги доимӣ ҳисоботдиҳии мунтазамро дар доираи лоиҳа/барнома нигоҳ доранд.

**Т7 – Барои иштироки боз ҳам фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳои инфиродӣ, Қароргоҳи ИА ва НИА бояд ҳавасманд намоянд ва шароити институтсионалӣ фароҳам оваранд.**

- ИА бояд иштироки ҷонибҳои манфиатдорро дар сатҳи чорабиниҳои алоҳида тақвият бахшад, махсусан дар раванди таҳия. Инро тавассути талаби ҳатмии гузаронидани машварат бо Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии (ТҶШ) дахлдор дар марҳилаи банақшагирии чорабинӣ ва таъсиси раванди расмӣ барои таъмини ба инобат гирифтани андешаҳои ТҶШ дар раванди таҳия ба даст овардан мумкин аст.
- НИА бояд форуми истиснoии солонаи ТҶШ ташкил кунад, ки дар он вазъи татбиқи ББИ ва нақшаҳои амали инфиродӣ баррасӣ ва арзёбӣ мешаванд. Истисноии чунин форум кафолат медиҳад, ки овозҳои ТҶШ шунида шаванд ва аз тарафи нуктаи назари хукумат пӯшонида нашаванд.



*Бозори Панҷшанбе дар Хуҷанд*